*УДК 821.21*
*DOI 10.24412/3005-849X-2025-3-64-72*

**МАЪЛУМОТИ ТАЗКИРАҲО ДАР БОРАИ АҲМАДИ ДОНИШ**

***Мирзоюнус Матлуба**, д.и.филол., профессори кафедраи адабиёти муосири МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров", (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

**СВЕДЕНИЯ ТЕЗКИРЕ ОБ АХМАДЕ ДОНИШЕ**

***Мирзоюнус Матлуба**, д-р филол. наук, профессор кафедры современной таджикской литературы ГОУ"ХГУ им. акад. Б.Гафурова" (Худжанд, Таджикистан)*

**TAZKIRA'S INFORMATION ABOUT AHMAD DONISH**

***Mirzoyunys Matluba**, doctor of Philology, professor of modern Tajik literature department under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:** matluba.khojaeva@gmail.com*

*Маълумоти тазкираҳои охири асри Х1Х – ибтидои асри ХХ перомуни рӯзгор ва осори Аҳмади Дониш мавриди муқоиса ва тавзеҳ қарор гирифтааст. Дар заминаи таҳқиқи даҳ тазкирае, ки дар ин давра навишта шудаанд-«Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»-и Раҳматуллоҳи Возеҳ, тазкираҳои Мирсиддиқхони Ҳашмат, «Тазкори ашъор»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдулазими Шаръӣ, «Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-и-ш-шуарои ва-л-ашъор»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ, "Тазкираи Фаҳмӣ" –и Абдулмутталибхоҷаи Фаҳмӣ, «Тазкират-уш-шуарои мутааххирин»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳтарам, "Тазкират-ул-хаттотин"-и Идрисхоҷаи Роҷӣ ва «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ натиҷаиҷабардорӣ шудааст, ки дар нуҳ сарчашма дар бораи Аҳмади Дониш маълумот мавҷуд аст. Ин маълумот аз назари муҳтаво ва ҳаҷм аз ҳамдигар тафовут дорад. Муқоисаи ахбори сарчашмаҳо ошкор кард, ки «Тазкират-уш-шуаро»-и Шаръӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳтарам ва «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё маълумоти бештарро манзур намудааст. Дар тазкираи Абдӣ маълумот хеле мухтасар аст. Дар тазкираи Фаҳмӣ, ки нотамом аст, маълумот оварда нашудааст. Яке аз муҳимтарин сарчашмаҳое, ки дар бораи Аҳмади Дониш ҳам аз назари ҳунару истеъдод ва ҳам аз назари бедории фикрӣ маълумот додааст, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ мебошад. Инчунин дар бораи ихтилофи маълумот оид ба номи Аҳмади Дониш, исми падари ӯ, ашъоре, ки ба ӯ мансуб донистаанд ва масъалаи бедории фикрии ӯ изҳори назар шудааст.*

***Калидвожаҳо:** Аҳмади Дониш, тазкира, маълумот, намунаҳо, Возеҳ, Ҳашмат, Садри Зиё, Шаръӣ, Пирмастӣ, Фаҳмӣ, Абдӣ, Муҳтарам, Идрисхоҷаи Роҷӣ, Садриддин Айнӣ*

*Выявлены и сопоставлены сведения из тезкире конца XIX – начала XX веков о жизни и творчестве Ахмада Дониша. Рассматриваются материалы из десяти тезкире этого периода: «Тухфат-ул-ахбоб фи тазкират-ил-асхоб» Рахматулло Возеха, тезкире Мирсиддикхона Хашмата, «Тазкори ашъор» Шарифджона-махдума Садра Зия, «Тазкират-уш-шуаро» Абдулазима Шаръи, «Афзал-ут-тазкор фи зикр-и-ш-шуаро ва-л-ашъор» Афзала-махдума Пирмасти, "Тазкираи Фахми" Абдулмутталиба-ходжи Фахми, «Тазкират-уш-шуарои мутааххирин» Абдулло-ходжи Абди, «Тазкират-уш-шуаро» Мухтарама, "Тазкират-ул-хаттотин" Идриса-ходжи Роджи и «Намунаи адабиёти точик» Садриддина Айни. Сделан вывод, что в девяти из них дана информация об Ахмаде Донише и сведения различаются по содержанию и по объёму.Обнаружено, что «Тазкират-уш-шуаро» Шаръи, «Тазкират-уш-шуаро» Мухтарама и «Тазкори аш'ор» Садра Зия содержат больше информации. Сведения в тезкире Абди очень кратки. В антологии Фахми*

*из-за ее незаконченности информации нет. Одним из важнейших источников, дающих сведения об Ахмаде Донише с оценкой его творчества и таланта и пробуждения самосознания, является труд Садриддина Айни «Намунаи адабиёти точик». Также прокомментирована противоречивая информация об имени Ахмада Дониша, имени его отца и приписываемых ему стихотворениях.*

***Ключевые слова:*** *Ахмад Дониш, тезкире, сведения, Возех, Хашмат, Садр Зия, Шаръи, Афзал-махдум Пирмасти, Фахми, Абди, Мухтарам, Идрисходжа Роджи, Садриддин Айни*

*The article dwells on the identification and comparison of information from the tazkira of the late 19th – early 20th centuries about the life and work of Ahmad Donish. The author, considering the materials of ten tazkiras of this period, including "Tuhfat-ul-ahbob fi tazkirat-il-askhob" by Rahmatulloh Vozekh, tazkire of Mirsiddikhon Hashmat, "Tazkori ashor" by Sharifjon-makhdum Sadr Ziyo, "Tazkirat-ush-shuaro" by Abdulazim Shar'i, "Afzal-ut-tazkor fi zikr-i-sh-shuaro wa-l-ashjor" by Afzal-makhduma Pirmasti, "Tazkirai Fahmi" – and Abdulmuttalibhoji Fahmi, "Tazkirat-ush-shuaroi mutaakhkhirin" by Abdullokhhoji Abdi, "Tazkirat-ush-shuaro" by Mukhtaram, "Tazkirat-ul-khattotin"-i Idriskhoji Roji and "Namunai adabiyoti tojik" by Sadriddin Aini, comes to the conclusion that nine of them provide information about Ahmad Donish. This information varies both in content and volume. A comparison of the sources showed that Shar'i's Tazkirat-ush-shuaro, Mukhtaram's Tazkirat-ush-shuaro, and Sadr Zia's Tazkori Ash'or contain more information. The accounts in Abdi's tazkira are very brief. There is no information in Fahmi's anthology due to its incompleteness. One of the most important sources providing information about Ahmad Donish, both in terms of assessing his creativity and talent, and awakening his self-awareness, is Sadriddin Aini's work "Namunai adabiyoti tojik". The author of the article also commented on the contradictory information regarding the name of Ahmad Donish, the name of his father and the poems attributed to him.*

***Key-words:*** *Ahmad Donish, tazkire, information, Vozeh, Hashmat, Sadr Zia, Shar'i, Afzal-mahdum Pirmasti, Fahmi, Abdi, Mukhtaram, Idriskhoja Roji, Sadriddin Aini*

Тазкираҳо ба унвони муҳимтарин сарчашмаҳои адабиёт шинохта шудаанд. Тарҷумаи ҳол ва мероси адабии ағлаби чеҳраҳои адабӣ маъмулан бо истифода аз маводи тазкираҳо, баёзҳо, таърихномаҳо таҳия мешаванд. Агар аз ҳамин нуқтаи назар ба шарҳи ҳол ва фаъолияти илмиву адабии яке аз мунаввартарин чеҳраҳои адабии нимаи дувуми садаи Х1Х Аҳмад махдуми муҳандиси ӯроқ мулаққаб ба Дониш ва ё Аҳмади Калла назар андозем, маълум мешавад, ки дар давраи зиндагии ӯ ва пас аз чанд соли даргузашташ дар Бухоро пай дар пай як силсила тазкираҳо рӯйи кор омадаанд, ки «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»-и Раҳматуллоҳи Возеҳ, тазкираҳои Мирсиддиқхони Ҳашмат, «Тазкори ашъор»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдулазими Шаръӣ, «Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-и-ш-шуарои ва-л-ашъор»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ, "Тазкираи Фаҳмӣ" –и Абдулмутталибхоҷаи Фаҳмӣ, «Тазкират-уш-шуарои мутааххирин»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳтарам ва «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айниро дар он радиф метавон ном бурд. Ҷолиб он аст, ки қариб ҳамаи ин тазкираҳо дар Бухоро таълиф шудаанд ва аксари адибони замони худро фаро гирифтаанд. Баъзе аз инҳо номукаммаланд, бархе нотамом мондаанд, баъзе муаллифон ва мураттибон бо сабаби хусумати шахсӣ ё ягон сабаби дигар на ҳамаи адибони ҳамзамонро ба тазкираашон ворид кардаанд.

Аз ин тазкираҳо маводи хеле муҳим ба даст меояд. Аввалин тазкирае, ки дар замони зиндагии Аҳмади Дониш таълиф шудааст, "Туҳфат-ул-аҳбоб"-и Возеҳ мебошад. Азбаски ин тазкира нусхаҳои гуногун доштааст ва бо эҳтимом ва иловаи Салимбек бори аввал ба табъ расидааст, дар ин нашр исми Аҳмади Дониш набудааст. Аммо чунин ҳол дур аз мантиқ ба

назар мерасад, зеро дар замони навишта шудани тазкираи Возеҳ Аҳмади Дониш беш аз чил сол дошта, ба унвони олим ва адиб машҳур шуда буд. Ба ғайр аз ин, маълум мешавад, ки Аҳмади Дониш тазкираи Возеҳро рӯйнавис карда будааст ва дар ин бора Садри Зиё гуфтааст: “Дар давраи охир ба фаҳми мусаввиди авроқ се тасниф аз се нафар фозили комил ба зуҳур омад, ки чаҳоруми он мутасаввир нест: “Тазкират-уш-шуаро”-и манзумаи Фазлӣ, “Тазкират-уш-шуаро”-и Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухороӣ, “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмад Махдуми Дониш мулаққаб ба “Калла” [7, с. 303]. Табиӣ, ки Дониш аз рӯйи эътимод ва хулусе, ки ба Возеҳ доштааст, асари ӯро китобат кардааст. Устод Р.Ҳодизода низ сабаби ворид нашудани ӯро ба тазкира фаҳмида натавониста навишта буд: “Аз тазкираи Возеҳ берун мондани чунин муҷассамаи бузурге монанди Аҳмади Дониш, ки дар овони таълифи асар шуҳрати бузург дошт, ба мо ҳануз торик мемонад.” [11, с.134]. Ин нукта дар асари дигари Р.Ҳодизода “Источники к изучению таджикской литературы конца Х1Х-начала ХХ века” [9] низ таъкид шудааст. Хушбахтона, ду нашри дигаре, ки баъди тадқиқоти Р.Ҳодизода сурат гирифт – яке нашри Асғари Ҷонфидо соли 1977 ва нашри дигар бо эҳтимоми Ҷӯрабеки Назрӣ соли 2020 маълум намуданд, ки дар ин тазкира дар бораи Аҳмади Дониш маълумот мавҷуд будааст, аммо бо сабаби интишор ёфтани нусхаи ноқиси он исми чанд нафар, аз ҷумла Аҳмади Дониш аз миён афтодааст.

Дар ин тазкира, ки анъанаи тазкиранигории пешин риоя шудааст, пеш аз ҳама зикр шудааст, ки: “Дониш тахаллуси афзалу-л-фусаҳо, акмалу-л-булағо Муллоҳусайн махдуми Бухорӣ аст, ки дар аҳди салтанати ҳазрати амири Саъид ва амири мағфур алами тафаззулу тафаввуқ бар ақрону амсол барафрошта, баҳри роиқи илму ирфон канзи дақоиқи таҳқиқу ибқон буд. Дарёи табъи гуҳарбораш дурри манзуму мансурро шомил…» [3, с. 73-74]. Баъд аз итмоми таҳсили улум дар хидмати ҷаноби устозу-л-уламои минҳоҷу-л-фузало Муҳаммадшарифхоҷа мавлавии қозикалон шуғли таҳрири фатво намуда. Мутақаллиду махдуми маркумро дар торихи ҷулуси салтанати амири марҳум қасидаест дар санъати мусаҷҷар мусаммо ба «Дарахти ҳил», ки аз маҷмуи ҳуруфи манқути он торих ва аз ҳуруфи ғайри манқутаи он «торихи ҷулус» мустанбату мустахраҷ мегардад [3, с. 74]. Возеҳ ба ҳунари шоирии Аҳмади Дониш баҳои баланд дода, асари мазкури ӯро пур аз латофату зарофат мегӯяд ва илова мекунад, ки “махдуми мазкур чӣ қадар хуни дил хӯрда, то обе ба рӯи кор оварда ва соири ашъораш низ дар узубат ва салосат оби ҳайвонро аз шарм дар зулумоти хафо нишонда” [3, с. 74]. Дар поёни мақола Возеҳ чанд намунаи осори Донишро сабт мекунад.

Дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳашмат нусхаи 2728 (Ҳашмат соҳиби якчанд тазкира аст), ки дар солҳои 1895-96 таълиф шудааст, дар оғоз нақли мазмун аз тазкираи Возеҳ оварда шудааст ва аммо баъд аз овардани як рубоӣ аз Возеҳ, ки бо мисраи «Доғ аст найшакар, ки найи бӯрё нашуд» шуруъ мешавад, нақди ҷолибе дар мавриди тазкираи Возеҳ ва матолиби он ҷой дорад, ки гуфтааст: «чанд шеъре, ки дар тазкираи Возеҳ мастур, чун баъзеро бетаҳқиқ навишта, дар ин ҷо рақам нанамудем. Рубоиеро аз рубоиёти Абулмаонии Бедил дида шуд, як фард низ аз охири «Унсур»-и савуми Абулмаонӣ буда, ду байти маснавӣ низ ба гӯш ошно мерасад. Як ғазали тахаллуснок шояд аз он ҷаноб бошад, Қории марҳум дар чанд ҷо инчунин саҳв намудааст» [10, с. 197].

Ҳашмат аз афроди басо донишманду соҳиби китобхонаи бузурге буд, бинобар ин бо эътибор ба гуфтаи ӯ маълум мешавад, ки ғазали аввал бо тахаллуси «Дониш» ва чанд шеъри дигар, аз ҷумла намунае, ки худи Ҳашмат овардааст, воқеан аз Аҳмади Дониш будааст, аммо як рубоӣ, як фард ва ду маснавӣ (маснавӣ ба назар нарасид- М.М.) ба қалами дигарон мансуб диниста мешавад ва Ҳашмат Возеҳро ба он айбдор мекунад, ки бидуни таҳқиқ намунаҳо овардааст ва «Қории марҳум дар чанд ҷо инчунин саҳв намудааст» [10, с. 197 ].

Маълум аст, ки Мирсиддиқхони Ҳашмат бо Аҳмади Дониш муносибати хуби дӯстона дошт ва дар вафоти ӯ марсияе низ навишта будааст, ки матлааш ин аст:

*Чи шуд он олими комил, ки фозил буд, ҳам зоҳид,*
*Чи шуд он олими моҳир, ки обид дод деҳқоне [10, с. 10].*

Дар "Тазкори ашъор"-и Садри Зиё (1905-1907), ки аз тазкираҳои хеле нодири манзум аст, исми Аҳмади Дониш зери сарлавҳаи "Зикри фаридуддаҳр в-ал офоқ Мир Аҳмад махдуми муҳандиси мунаҷҷим, хаттоти ӯроқ" омада, муаллифи тазкира ӯро "машҳури офоқ", "накӯном", "ба дониш мусаллам", "хусрави мулки донишварӣ", "пурҳунар" меномад. Сипас Садри Зиё қасидаи Донишро, ки ба Султон Музаффар бахшидааст, шоҳид оварда, дар он баён шудани тамоми фазоили шахсии муаллифро зикр мекунад. Муаллифи тазкира ба "Наводир-ул-вақоеъ"баҳои баланд дода менависад:

*Ва дигар аз он фозили мустатоб*
*Муаллаф шуда чун "Наводир" китоб,*
*Ки дар қарнҳо ҳамчу ӯ хушбаён,*
*Китобе наёмад зи кас дар ҷаҳон.*
*Ҳар он кас, ки фасле аз он бингарад,*
*Ба кунҳи камолоти он пай барад.*
*Нагардад аз он пас паи қолу қил,*
*Наҷӯяд ба исботи фазлаш далел [7, с. 85].*

Дар тазкираи Садри Зиё дар қиёс бо тазкираҳои дигар, шарҳи ҳоли Аҳмади Дониш дар чанд сафҳа муфассал манзум шудааст. Сухан дар бораи он меравад, ки дар замони Сайид мир Музаффар ӯ саравал китобхонадори Хоҷа Ниҳол, баъд китобхонадори Хоҷа Ҷаъфари Нақиб, сипас қозии Хузор, баъдан қозии Наҳрпай будааст. Соҳиб шудан ба вазифаи ифтихории «ӯроқ»-ро низ муаллиф таъкид мекунад:

*Ба фазлу ҳунар дар ҷаҳон тоқ шуд,*
*Зи лутфи шаҳаншоҳ ӯроқ шуд.*

Муаллифи тазкира қайд мекунад, ки сафар ба кишвари Русия ва эътибор пайдо кардани ӯ дар назди императори рус аз назари Садри Зиё воқеаи хеле муҳими зиндагии Аҳмади Дониш аст.

Дар замони Султон Аҳадхон қозии Вобканд мешавад ва пас аз се моҳ маъзул гардида, тарки тамоми вазифаҳо мекунад. Маълум мешавад, ки дар замони қозигӣ Аҳмади Дониш ончунон аз тамоми вазифаҳо дилмонда мешавад, ки дигар то дами марг мансабе нахоста, боқии умри худро чун қаландарон гузаронида, дар манзили худ ҳамеша барои аҳли илму адаб дастурхони пур аз неъмат кушода буд ва маҳфилҳои адабу мусиқӣ пайваста меорост. Аммо худ машғули тоату ибодат буд, то даме, ки ҷон ба ҷонофарин супурд.

*Шабу рӯз дар маҷлисаш як тараф*
*Муҳайё будӣ тору танбӯру даф.*
*Ба тарфи дигар чангу уду рубоб*
*Муҳайё зи ҳар гуна нуқлу кабоб.*
*Ба тарфи дигар фозилони замон*
*Яке шеъргӯву дигар шеърхон.*
*Фариқе пайи касби илму адаб*
*Шабу рӯз машғули ҷидду талаб.*
*Гурӯҳе муқайяд будандӣ мудом*
*Ба шатранҷбозиву шурби мудом [7, с. 86].*

Аз таълифоти Аҳмад Махдум Садри Зиё «Қасида»-и Донишро, ки барои амир Музаффар гуфта шудааст, меорад. Дар ин қасида дар бораи ҳунару дониши муаллиф низ сухан рафтааст:

*Вазифа аз карамат сад ҳазор мехоҳам,*
*Зи баски дар бари ман ҳаст сад ҳазор камол.*
*Манам, ки дар сафи аҳли ҳунар ҳузабри замон,*
*Манам, ки дар чамани илму фан чамидағизол!*
*Манам, ки даври фалак дар ҳазор сол чун ман*
*Наёварад ба замин мазҳари ҳазор афзол!*
*Ҳунар кадом, ки бо ман нагашт рӯйи ба рӯй,*
*Кадом илм, ки бо ман накард истиқбол?! [7, с. 87].*

Чун намунаи боризи обрӯву эътибори Аҳмади Дониш Садри Зиё мухаммаси Музтарибро, ки бар қасидаи Шоҳин дар мадҳи Аҳмад Махдуми Дониш гуфта шудааст, дар тазкираи худ ҷой медиҳад. Дар ин мухаммас, ки аз 16 банд иборат аст, дар ҳар банд се мисраъ аз Музтариб ва ду мисраъ аз Шоҳин оварда шудааст.

Ҷолиб он нукта ҳам ҳаст, ки дар "Тазкори ашъор", ки соли 1380/ 2002 ба кӯшиши Муҳаммадҷон Шакурӣ дар Эрон ба табъ расид, дар қисми замима маълумоте оварда шудааст, ки аз асарҳои дигари Садри Зиё шодравон Саҳобиддини Сиддиқ гирдоварӣ карда буд. Дар ин бахш дар бораи Аҳмади Дониш маълумоти муҳим фароҳам омадааст.

Азбаски Аҳмади Дониш дар ҳунари хаттотӣ ва хушнависӣ шуҳрати зиёд дошт, ном ва ҷойгоҳи ӯ дар ин ҳунар дар тазкираи Идрисхоҷаи Роҷӣ "Тазкират-ул-хаттотини манзума"(1905) ҷой ёфтааст. Он нукта, ки исми ӯ дар миёни хаттотон аз ҳама аввал омадааст, аз эҳтироми хоси муаллиф ба Дониш дарак медиҳад.

*Ваҳиди комилон Махдуми Аҳмад,*
*Ки давлат дар камолаш буд сармад.*
*Хаташ бар сафҳаи гулшан лаолӣ*
*Найи килкаш зи шаққу нақс холӣ.*
*Зи тиббу ҳандаса шеъру нуҷумаш,*
*Мусаххар сар ба сар мулки улумаш.*
*Дар ин фанҳост з-ӯ тасниф машҳур,*
*Ки чашми нотавонбинон аз ӯ дур.*
*Ба сурат чун қаландар лоуболест,*
*Ба сират лек Афлотунфаъолест [6, с. 70].*

Дар "Тазкират-уш-шуаро"-и Муҳтарам (1908) низ ба Аҳмади Дониш ҷойгоҳи шоиста ҷудо шудааст. Муҳтарам дар оғози мақолаи худ дар васфи Дониш, чунонки дар ағлаби тазкираҳо маъмул аст, суханҳои баланди муболиғаомез меорад: "Дониш – тахаллуси ахтари анвари буруҷи суъудофоқ ва кавкаби толеъ аз матлаъи макорими ахлоқ, Мулло Мир Аҳмади муҳандиси ӯроқ аст, ки фалакул-аъзами камолоташ муҳити дунёву мофиҳост ва аз дебои фалакулатласи хаёлоташ ниҳоди олам зебост..." [4, с.122].

Муҳтарам Аҳмади Донишро дар "ашколу нуқушу тасовир хомароне саршикани килки Беҳзоду хомаи Монӣ ва дар таҳсини хутути настаълиқу сулсу тавқеу кӯфиву зулфу райҳонӣ" хеле тавоно меномад. Маҳфилҳои Дониш, ба фикри ӯ пур аз мақомшиносону аҳли фазл буд ва худи Дониш, бо вуҷуди пиронсолӣ ҳамеша аз паи мақомшунавӣ ва нағмасозӣ" буд.

Дар тазкираи Муҳтарам дар мавриди носипосии Афзал Махдуми Пирмастӣ ҳикояте оварда мешавад. Тибқи он ҳикоят Афзал, ки шогирди Аҳмади Дониш будааст, дар сари дастурхони устод дар канори шогирди дигари ӯ Қорӣ Каромат ва домодаш Муллонеъмат нишаста беадабӣ мекунад ва рубоие мегӯяд, ки мақтааш ин аст:

*Ин аст агар каромату неъмати ту,*
*Шошам ба Кароматити туву Неъмати ту.*

Аз ин ҳаҷви нохуб ҳозирин нороҳат мешаванд, аммо Афзал ҳаҷви тӯлонӣ дар ҳаққи устоди худ карда, боиси маломати фузалову шуаро мешавад. Шоироне мисли Шоҳину Музтарибу Дилкаш Афзалро танқид мекунанд ва Донишро ситоиш менамоянд.

Чунонки маълум мешавад, Афзал махдум ба Аҳмади Дониш бо вуҷуди он ки шогирди ӯ будааст, назари нек надорад, бинобар ин дар тазкирааш зоҳиран ӯро ситоиш карда, илму дониш ва мартабаҳои баланди ӯро ёд мекунад, дар бораи сафари мавсуф ба Русия ва ошноӣ бо Стремаухов ном марди рус ва ҳадя шудани глобус хабар медиҳад. Бо ин ҳама ӯро ба ношукриву носипосӣ айбдор карда мегӯяд: «Дар авохир аз он ҷо, ки забон ба ношукрӣ мекушод, аз назари отифати подшоҳи замон (амир Музаффар) барафтод, то ба аҳди салтанати қавишавкат (амир Абдулаҳад), ки ӯро бинобар куҳансолӣ ва соҳибкамолӣ ба китобхонадории Ҷаъфархоҷа нақиб сарафрозӣ бахшида бенасиб нагузоштанд» [5, с. 18]. Дар бораи ин тазкира ва назари соҳиби он ба Аҳмади Дониш Расул Ҳодизода низ маълумоти ҷолиб додааст [9, с. 78].

Ин ҷо метавон аз он нукта низ ёд кард, ки шахсиятҳои донишманду фозил ҳамеша мавриди ҳасаду бадбинии ҷоҳилон қарор мегирифтанд. Аҳмади Дониш низ истисно набуд ва дар ин маврид Садри Зиё бисёр хуб гуфта, ки:

*Дигар фозиле буд бас муғтанам,*
*Ба назди ҳасадпешагон муттаҳам [7, с. 85].*

Дар идомаи мақола Муҳтарам дар тазкираи худ қасидаи Аҳмади Донишро дар васфи Амир Музаффар ҷой медиҳад.

Муҳтарам дар таърихи вафоти Аҳмади Дониш моддаи таърих низ навишта дар ҳамин мақола ҷой додааст:

*Оҳ аз рӯзгори пурҳасрат,*
*Дод аз даври чархи пурнакбат.*
*Андаке гар ба саъд давр занад,*
*Мениҳад то абад ба маъсият.*
*Мисли Дониш, ки бо ҳазорон фазл*
*Расади хок шуд варо турбат…*
*Муҳтарам баҳри соли фавташ гуфт:*
*Рафт Дониш зи ахтари ҳикмат [4, с. 132].*

«Тазкират-уш-шуаро»-и (1904) Абдуллохоҷаи Абдӣ низ дар бораи Аҳмади Дониш маълумот дорад, аммо хеле мухтасар [1, с. 41-42]. Абдӣ дар оғози мақола дар бораи волидайни Аҳмад Махдум маълумот дода менависад: «Падари эшон Мулло Абдулҳаким Махдуми охунд, модари эшон бухороиюласл аст». Ҷолиб он аст, ки исми падари Аҳмади Донишро дар тамоми сарчашмаҳо Носир навиштаанд, аммо ахбори Абдӣ бар кадом санад асос ёфта бошад, маълум нашуд. Дар бораи донишу фазли Аҳмади Дониш муаллиф бар он назар аст, ки эшон «дар илми фиқҳу фароиз маҳорат доранд», дар гуфтани ҳикоя низ хеле ҳунарманд ва гоҳ-гоҳ ба шеър низ рӯ меоранд, аммо аксари таълифоташон таърих аст. Ягон ғазали комиле аз эшон наёфта, муаллифи тазкира ду моддаи таърихро яке дар вафоти Остонақул қушбегӣ ва дигар дар қушбегӣ гардидани иморатпаноҳ аз Аҳмади Дониш сабт кардааст [1, с. 42].

"Тазкират-уш-шуаро"- и (1880) Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ аз сарчашмаҳои дигарест, ки дар бораи Аҳмад-махдум маълумот медиҳад. Ҳарчанд ки ин тазкира ба Аҳмади Дониш писанд наомадааст, Шаръӣ чандин саҳифаи тазкираи худро ба ӯ бахшида будааст.

Сабаби ҳаҷвия навиштани Аҳмади Донишро метавон чунин ҳадс зад, ки замоне миёни ӯ ва муаллифи тазкира нофаҳмие рух дода будааст ва Дониш муносибати худро дар чанд байти ҳиҷо ифода кардааст.

Дар тазкираи Шаръӣ, ки мутаассифона, нотамом аст, ҳамагӣ дар бораи 10 нафар маълумот дода шудааст ва яке аз онҳо «Мулло Мир Аҳмад-махдуми ӯроқи муҳандиси Дониш, хаттоти Бухороӣ» [12, с. 43-50]. мебошад. Шаръӣ Аҳмади Донишро «феҳриси маҷмӯаи камолу биниш, нуктаи интихоби манзумаи фазлу дониш, дебочаи саҳифаи фунуни ҳикам, унвони ҷаридаи илм, билқалам, нуктапардоз, маънитироз, адофаҳми хушмуҳовара, хурдадони некӯмуҳозара, аз фузалои беназири рӯзгор ва нодираи адвор, дар ҷамеи фунуни адабия мумтоз ва ба тамомии саноoти қаламия беанбоз аст. Ба узубати баён ва ҳаловати тақрираш гӯи сабқат аз майдони мутақаддимину мутааххирин рабуда, ба латофати тасвир ва ҳусни таҳрир рақами насх бар сафҳаи Беҳзод ва хатти Миръимод кашида, дар ин диёр дар қуруни ҳолия чун ӯ соҳибкамоле ба олами эҷод қадам наниҳода, модари даҳр чун ӯ фарзанди комиле назода, дар ҳандаса Уқлидуси замон аст ва дар ҳайат Чағминии даврон, дар насри муҳозирот Вассофи сонӣ ва дар назму қасоид Камоли Исфаҳонӣ ба ҳиддати табъ ва сафои фикр Фахри Розӣ ва Насри Тӯсиро аз абнои замон мешуморад ва ба камоли фазоил ва истеъдоди том Форобӣ ва Бӯалиро қарин ва мусил меангорад» [12, с. 43]. Шаръӣ дар тазкираи худ хабар медиҳад, ки Аҳмади  Дониш «вазъи қаландарона дорад ва муҷаррадона умри азизро мегузаронад» [12, с.42]. Замоне дар даргоҳи амир эътибори зиёд дошт, вале бо сабаби теззабонӣ маъзул шуд. «Дар фанни аҳкоми нуҷум ва шарҳи румуз, тақовим ва ҳайат, ҳандасаву таърих, муҳозирот ва ахлоқу ақсоми ҳикмати амалӣ ва наҳвуҳо, марқумоту ҳавомиши бисёр дорад. Баъзе тадвин ёфта ва баъзе ҳамчунон такмил наёфта ва ба тадвин нарасидааст» [12, с. 43].  Шаръӣ инчунин дар бораи «Наводир-ул-вақоеъ» изҳори назар карда, ҳунари суханварии Аҳмади Донишро дар ин  асар васф мекунад. Муаллифи тазкира инчунин чанд нукта аз осори илмии Дониш низ нақл кардааст. Шаръӣ дар ин тазкира бори дувум низ таъкид мекунад, ки «ҳарчанд табъзодаш бисёр аст, ба сабаби адами эҳтимомаш ба ҷамъу тартиб, баъзе мутафарриқа ба ҳар ҷо ба дасти ҳар кас афтода ва баъзе дар тоқи нисён монда…». Ин ҷо як нукта қобили зикр аст, ки на танҳо Шаръӣ, балки чанд нафари дигар низ дар бораи адами девони Аҳмади Дониш изҳори назар кардаанд ва то ҳамин солҳои авохир ҷомеа аз мавҷудияти девони Аҳмади Дониш хабар надошт. Соли 2021 бо эҳтимоми донишманди ӯзбекистонӣ Файзхоҷа Маҳмудов «Девони Аҳмади Дониш» аз хазинаи дастхатҳои Абӯрайҳони Берунӣ пайдо ва таҳия шуда, бо дастгирии АМИТ Тоҷикистон ба табъ расид.

Дар охири мақолаи худ Шаръӣ қасидаи Донишро дар мадҳи султон Музаффар ва якчанд қитъаву рубоиро сабт кардааст. Ашъоре, ки Шаръӣ дар тазкираи худ сабт кардааст, ба ғайр аз қасидаи мазкур дар ягон тазкираи дигар ба назар наомад.

Дар миёни тазкираҳое, ки дар бораи Аҳмади Дониш маълумот додаанд, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ (1926) ба чанд далел ҷойгоҳи хос дорад:

**1.** Худи устод ишора мекунад, ки «ҳарчанд тафсири тарҷумаи ҳоли адибон дар ин маҷмуа мақсад нест, дар бораи аҳволи баъзе ашхос аз баъзе тафсилот гузир ҳам нест» [2, с. 203]. Яъне дар қиёс бо адибони дигар, ки муаллиф бо як-ду нуктаи кутоҳ иктифо мекунад, дар мавриди Аҳмади Дониш маводи муфассале оварда шудааст.

**2.** Дар қиёс бо тазкираҳои дигар муаллифи «Намунаи адабиёти тоҷик» соли таваллуд ва вафоти Донишро зикр мекунад.

**3.** Аҳмади Донишро устод Айнӣ раҳбари инқилоби илмӣ, адабӣ, иҷтимоию сиёсӣ меномад [2, с. 203].

**4.** Назари Аҳмади Донишро ба масъалаи маорифи замон бо мисолҳо аз таҷрибаи зиндагии ӯ тавзеҳ медиҳад.

**5.** Фикру мулоҳизаҳои Аҳмад Махдум дар бораи «касбҳо, пешаҳо, муносибати мардум бо якдигар, аҳволи хонадорӣ, муносибати келину домод, муноқишаҳои келину модаршӯй» баргирифта аз таҷоруби зиндагии муаллиф аст.

**6.** Муносибати Аҳмад Махдум ба тақлиди Бедил яке аз самтҳои мавриди назари Садриддин Айнӣ будааст. Аҳмади Дониш тақлид ва пайравӣ ба Бедилро маҳкум намуда, худаш ва дӯстонаш Садри Сарир, Абулфазли Сират ва Исомахдуми Муфтиро ба соданависӣ водор мекард.

**7.** Дар бораи мероси адабии Дониш устод Айнӣ менависад, ки эшон таълифоти худро ҷамъ накардааст ва навиштаҳои ӯро дар қафои китобҳо ва варақпораҳо ёфтан мумкин аст. Танҳо «Наводир-ул-вақоеъ», ки аз воқеаву саргузаштҳои мутафарриқа иборат буда, «бо забони содаи форсӣ навишта шудааст ва тартибаш наздик ба румон аст», дар шакли китоб маҳфуз аст. Ба ин китоб донишмандони замон баҳои баланд додаанд ва чун намунаи беҳтарини васфи Аҳмади Дониш мухаммаси Музтариб ба Шоҳин аст, ки иборат аз 16 банди панҷмисраъгӣ буда, дар «Намунаи адабиёти тоҷик» оварда шудааст.

**8.** Устод Айнӣ на танҳо намунаи назми Аҳмади Дониш (Қасидаи шоир дар васфи Амир Музаффар), балки порчаҳо аз насри ӯро низ овардааст, ки дар дигар тазкираҳо ба назар нарасид. Аз порчаҳои мансур якеро аз «Наводир-ул-вақоеъ» дар бораи касбҳову пешаҳо ба муносибате дар баёни ҳоли худ» навишта вазъи устодони замонро зери тозиёнаи танқид қарор медиҳад. Ду пораи дигар – яке дар бораи дӯстию ихтилот ва дувум дар бораи амр ба маъруф ва наҳйи мункар мебошанд. Дар порчаи дувум ҳикояте аз тарҷумаи ҳоли Аҳмади Дониш оварда шудааст, ки чи гуна худ ва ҳамрикобонашро ба воситаи як байт аз мулозимати амир раҳо кард [2, с. 208].

**9.** Садриддин Айнӣ нашри осори Аҳмади Донишро дар замони нав зарур мешуморад ва ин нуктаро дар поёни мақолаи Аҳмади Дониш таъкид мекунад [2, с. 208].

Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки аз даҳ тазкирае, ки дастраси мост, дар нуҳ сарчашма дар бораи Аҳмади Дониш маълумот ҷой дорад. Танҳо тазкираи Фаҳмӣ, бо сабаби нотамом буданаш, дар бораи ӯ чизе хабар намедиҳад [8].

Аз миёни тазкираҳое, ки дар бораи Аҳмади Дониш маълумот додаанд, пеш аз ҳама «Тазкират-уш-шуаро»-и Шаръӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳтарам ва «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё маълумоти зиёдро фаро гирифта, дар онҳо ҳам шарҳи ҳоли адиб ва ҳам намунаҳое аз мероси адабии ӯ ҷой дода шудаанд. Дар тазкираи Абдӣ маълумот хеле мухтасар аст. Яке аз муҳимтарин сарчашмаҳое, ки дар бораи Аҳмади Дониш ҳам аз назари ҳунару истеъдод ва ҳам аз назари бедории фикрӣ маълумот додааст, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ мебошад.

Дар тазкираҳои номбаршуда ихтилоф дар исми Аҳмади Дониш низ ба назар расид. Маъмулан исми падари ӯро дар донишномаҳо Носир гуфтаанд, вале Абдӣ номи ӯро «Мулло Абдулҳаким Махдуми охунд» гуфтааст. Баъзе муаллифони тазкираҳо, аз ҷумла Возеҳ ва Ҳашмат номи худи ӯро «Мулло Ҳусайн» гуфтаанд. Дар ин маврид маълумоти сарчашмаҳо мухталиф аст, вале Аҳмади Дониш номи эътирофшудаи ӯст.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Абдӣ, Абдуллохоҷа. Тазкират-уш-шуаро. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. Зери назари Саҳобиддин Сиддиқов. – Душанбе: Дониш, 1983.– 304 с.*
2. *Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик. Таҳия ва тасҳеҳи Мубашшири Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.*
3. *Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб. Бо муқаддима, таҳия ва тавзеҳоти Ҷӯрабек Назрӣ. – Душанбе: Дониш, 2020. – 284 с.*

4. *Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ. Тазкират-уш-шуаро. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. Зери назари Камол Айнӣ.– Душанбе: Дониш, 1975. – 369 с.*
5. *Пирмастӣ, Афзал Махдум. Афзал-ут-тазкор фи зикр-иш-шуаро вал ашъор. Чопи литографӣ. –Тошкент, 2018.*
6. *Роҷӣ, Мирмуҳаммад Идрисхоҷа. Тазкират-ул-хаттотин. Таҳия ва тавзеҳоти Эраҷи Меликиён. Пешгуфтори Аскаралӣ Раҷабов. – Душанбе: Дониш, 2025 – 177 с.*
7. *Садри Зиё, Шарифҷон Махдум. Тазкори ашъор. Ба кӯшиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ.- Теҳрон: Суруш, 1380.– 428 с.*
8. *Фаҳмӣ, Абдулмутталибхоҷа. Тазкираи Фаҳмӣ.Таҳияи матн ва пешгуфтор аз Матлубаи Мирзоюнус. – Хуҷанд: Хуросон, 2025. – 196 с.*
9. *Хади-заде Р. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века / Р. Хади-заде. – Сталинабад, 1956. – 138 с.*
10. *Ҳашмат, Мирсиддиқхон. Тазкират-уш-шуаро. Таҳияи Илҳом Эшонзодаи Насафӣ. Зери назари Матлубаи Мирзоюнус.– Хуҷанд, 2021. – 340 с.*
11. *Ҳодизода, Расул. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX.- Душанбе: Дониш, 1968.- 291 с.*
12. *Шаръӣ, Ҳоҷӣ Абдулазим. Тазкират-уш-шуаро. Таҳияи Илҳом Эшонқулов. Зери назари Матлубаи Мирзоюнус. – Хуҷанд: Хуросон, 2015. – 228 с.*

## REFERENCES:

1. *Abdi, Abdullohoja. Tazkirat-ush-shuaro. With corrections and introduction by Asghari Janfido. Under the supervision of Sahobiddin Siddikov. – Dushanbe: Donish, 1983. – 304 pp.*
2. *Aini, Sadriddin. An example of Tajik literature. Edited and revised by Mubashshir Akbarzod. – Dushanbe: Adib, 2010. – 448 pp.*
3. *Vozeh, Qori Rahmatullah. Tuhfat-ul-ahbab fi tazkirat-il-ashhab. With an introduction, preparation and explanations by Jurabek Nazri. – Dushanbe: Donish, 2020. – 284 pp.*
4. *Muhtaram, Haji Nematullah. Tazkirat-ush-shuaro. With corrections and introduction by Asghari Janfido. Under the supervision of Kamal Aini.– Dushanbe: Donish, 1975. – 369 pp.*
5. *Pirmasti, Afzal Makhdum. Afzal-ut-tazkar fi dhikr-ish-shuaro wal as'ar. Lithographic print. – Tashkent, 2018.*
6. *Raji, Mirmuhammad Idrishoja. Tazkirat-ul-khattotin. Preparation and explanations by Iraj Melikion. Foreword by Askarali Rajabov. – Dushanbe: Donish, 2025 – 177 pp.*
7. *Sadri Ziya, Sharifjan Makhdum. Poetry collection. With the help of Muhammadjon Shakurii Bukhari. - Tehran: Surush, 1380. - 428 pp.*
8. *Fahmi, Abdulmuttalibhoja. Fahmi's Tazkira. Text and preface prepared by Matluba Mirzoyunus. – Khujand: Khuroson, 2025. – 196 pp.*
9. *Hadizade R. Sources for the Study of Tajik Literature of the Second Half of the 19th century. – Stalinabad, 1956. – 138 pp.*
10. *Hashmat, Mirsiddiqkhan. Tazkirat-ush-shuaro. Prepared by Ilham Eshonzodai Nasafi. Under the supervision of Matluba Mirzoyunus. – Khujand, 2021. – 340 pp.*
11. *Khodizoda, Rasul. Tajik literature in the second half of the 19th century. - Dushanbe: Donish, 1968. - 291 pp.*
12. *Shari'i, Haji Abdulazim. Tazkirat-ush-shuaro. Prepared by Ilham Eshonqulov. Under the view of Matluba Mirzoyunus. – Khujand: Khuroson, 2015. – 228 pp.*